# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КО-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилали хусусӣ пешниҳод шудааст**

1. Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва мунтазам рушдёбандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо технологияи ахборотӣ маҳсуб ёфта, ба он барномаҳои компютерӣ низ дохил мешавад. Аҳамияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтирооти навин дар истеҳсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад».

Дар айни замон тарафи ҳуқуқии раванди мазкур низ торафт мубрам шуда истодааст.  Бояд ишора намуд, ки масъалаи аҳамиятнокии эътироф ва дар доираи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани объектҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки ба он барномаҳои компютерӣ ва дигар дастовардҳои неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2014 пешбинӣ гардидааст. Дар он омадааст, ки доираи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ бо дарназардошти рушди илму техника бояд васеъ карда шаванд.

Шахси ба ҷараёни истифодабарии барномаҳои компютерӣ ҷалб шуда ногузир бо категорияҳои мухталифи ҳуқуқӣ бармехӯрад. Ҳар шахси ба истифодабарӣ ва инчунин бо сохтан барномаҳои компютерӣ

сарукордор мегардад, бо масъалаи ҳифз, истифодабарии қонунӣ ва дурусти барномаҳои компютерӣ, ба даст даровардани фоида аз фурӯши нусхаҳои он ва бисёр дигар масъалаҳо, бархурдор мешавад. Мутаассифона, ҳангоми муроҷиат намудан ба қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба масъалаҳои ишора гардида дар доираи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қайди худро ба пурраги наёфтааст. Дар ин радиф, танзими ҳаматарафаи масъалаи мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки боз аҳамияти амалиро доро буда, он таъсири худро аз ҷумла ба иқтисодиёт мерасонад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилали хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева М.Ё. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Болтуева М.Ё., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждании» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилали хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Меликов Умрилло Асадуллоевич – профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Сидиқов Дилшод Аҳророович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рузи ҳимоя 10 октябри соли 2023 соати 14 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Имомова Н.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сангинов Д.Ш.

мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

29.06.2023